**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Шодизода Наҷибулло Маҳмадризо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ: таҳқиқоти умуминазариявӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (ш. Душанбе, 2026. – 41 саҳ.).**

Мубрамияти таҳқиқоти диссертатсионӣ бо зарурати таҳкими асосҳои назариявии институти ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар шароити муосири рушди давлатдории ҳуқуқбунёд ва ислоҳоти пайвастаи низоми қонунгузорӣ асоснок мегардад. Дар марҳилаи кунунӣ масъалаи таъмини қонуният, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва муборизаи самаранок бо намудҳои мухталифи ҳуқуқвайронкуниҳо, аз ҷумла шаклҳои нави зоҳиршавии ҷинояткорӣ яке аз самтҳои муҳимми сиёсати ҳуқуқии давлати муосир ба шумор меравад, ки дар ин раванд ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ нақши меҳварӣ дорад.

Дар илми ҳуқуқшиносӣ ба масъалаҳои моҳият, мазмун ва хусусиятҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва намудҳои алоҳидаи он нуқтаи назари гуногун мавҷуданд. Махсусан, масъалаҳои марбут ба мафҳум ва моҳияти ҷавобгарии ҳуқуқӣ, функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо, гуногуншаклии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва махсусияти онҳо ҳанӯз ҳам мавриди баҳси илмӣ қарор доранд, ки зарурати таҳқиқоти умуминазариявии ҳамаҷониба ва амиқро ба миён овардааст.

Мубрамияти мавзӯъ, инчунин бо раванди ислоҳоти қонунгузории амалкунандаи миллӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд мебошад. Баробари соҳиб гардидан ба истиқлоли давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи танзими саривақтии муносибатҳои ба ҷиноят ва ҷазо алоқаманд таваҷҷуҳи хос зоҳир намуд, чун дар кишвар вобаста ба нооромиҳои давомдори сиёсӣ ва сар задани ҷанги шаҳрвандӣ сатҳ ва дараҷаи кирдорҳои ҷиноятӣ бамаротиб афзуда буданд. Аз ин рӯ, зарур буд дар кишвар қонунгузории мувофиқ ба шароити ҷомеа ва сатҳи содиршавии ҳуқуқвайронкунӣ коркард ва қабул карда шаванд. Вобаста ба ин, масъалаи танзими саривақтии ин

муносибатҳо, мутобиқгардонии қонунгузории амалкунанда ба шароити нави ҷамъиятӣ ва қабул гардидани Кодекси нави ҷиноятӣ 21 майи соли 1998, ки ҷараёни дурудароз ва пурпечутоби рушди назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқсозиро дар ин самт дар бар мегиранд, зарурияти таҳқиқоти илмии хосро талаб мекунад ( саҳ. 4-5 автореферати дисс.)

Илова бар ин, рушди босуръати муносибатҳои ҷамъиятӣ ва пайдоиши шаклҳои нави ҷинояткорӣ зарурати бознигарии равишҳои анъанавӣ ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятиро ба миён овардааст. Дар чунин шароит таҳқиқи моҳият ва хусусиятҳои ҷавобгариқ ҷиноятӣ ҳамчун ҷавобгарии ҳуқуқӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалии хосса пайдо мекунад. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, таҳқиқоти мазкур барои рушди назарияи давлат ва ҳуқуқ, такмили қонунгузории кишвар дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ ва баланд бардоштани самаранокии амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ муҳим ва мубрам арзёбӣ мегардад.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки он аз нигоҳи назариявӣ-ҳуқуқӣ аввалин кӯшиши таҳқиқоти мукаммали умуминазариявии масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба шумор меравад. Дар доираи таҳқиқот ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун категорияи умуминазариявии ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, робитаи он бо мақсадҳо, принсипҳо ва воситаҳои сиёсати ҳуқуқии давлатӣ таҳлил гардидааст. Чунин равиши илмӣ имкон фароҳам овардааст, ки хусусиятҳои хоси ҷавобгарии ҷиноятӣ дар низоми умумии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба таври муназзам ва асоснок ошкор карда шаванд ва мавқеи он ҳамчун шакли мустақили ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз ҷиҳати назариявӣ асоснок гардад. Дар ҷараёни таҳқиқот маҷмуи васеи асарҳои илмии солҳои охир, ки ба масъалаҳои мубрами ҷавобгарии ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ бахшида шудаанд, мавриди таҳлил ва арзёбии интиқодӣ қарор гирифтаанд. Дар ин замина тамоюлҳои асосии рушди афкори илмӣ муайян гардида, сатҳи таҳқиқи масъала дар илми муосир нишон дода шудааст.

Ҳамчунин, хусусиятҳои назариявӣ ва амалии татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаҷониба баррасӣ гардида, омилҳои асосии таъсиррасон ба самаранокии татбиқи қонунгузории миллӣ дар ин самт таҳлил ва шарҳ дода шудаанд. Дар натиҷа, як қатор мушкилоти амалии мавҷуда муайян гардида, роҳҳои эҳтимолии такмили онҳо пешниҳод карда шудаанд. Таҳқиқот бо истифода аз равиши умуминазариявӣ ва таҳлили муқоисавӣ имкон додааст, ки дарки илмии ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ васеъ гардида, заминаи нави назариявӣ барои омӯзиши минбаъдаи ин масъала фароҳам оварда шавад.

Дар баробари дастовардҳои назаррасИ илмӣ, дар автореферати диссертатсия эродҳои ҷузъӣ ба назар расид. Аз ҷумла, муаллиф ҳангоми таҳлили мафҳуми ҷавобгарии ҷиноятӣ онро асосан ҳамчун муносибати махсуси ҳуқуқии байни давлат ва шахси ҷиноятсодиркарда арзёбӣ намудааст. Муаллифи таҳқиқот зикр намудааст, ки бар асоси нуқтаи назари дигар, лаҳзаи фарорасии ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун давраи муносибати ҳуқуқӣ, аз лаҳзаи содир гардидани кирдори хавфнок аз ҷониби шахс, яъне содир намудани ҷиноят шурӯъ мегардад (саҳ. 27 автореферати дисс.). Аммо дар таҳқиқот масъалаи лаҳзаи ба вуҷуд омадани чунин муносибати ҳуқуқӣ ба таври кофӣ мушаххас нагардидааст. Дар ин самт, дар назарияи ҳуқуқ андешаҳои мухталиф вуҷуд дошта, баъзе олимон ҷавобгарии ҷиноятиро аз вақти содир шудани ҷиноят, гурӯҳи дигар бошад аз лаҳзаи эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд ба вуҷудомада меҳисобанд. Аз ин рӯ, зарур буд, ки муаллиф мавқеи илмии худро нисбат ба ин масъала дақиқтар асоснок менамуд.

Бо вуҷуди масъалаҳои зикршуда, онҳо хусусияти баҳсӣ дошта, арзиши илмии таҳқиқоти анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд.

Автореферати диссертатсияи Шодизода Наҷибулло Маҳмадризо таҳқиқоти мукаммал ва ҳамаҷониба буда, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамҷун намуди ҷавобгарии ҳуқуқиро фаро мегирад. Муаллиф тавонистааст як қатор пешниҳодҳои мушаххас ва дар амал татбиқшавандаро ҷиҳати такмили қонунгузорӣ ва баланд бардоштани

самаранокии ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ тахия ва асоснок намояд.

Бо дарназардошти асосҳои зикршуда метавон таъкид намуд, ки таҳқиқоти диссертатсионии анҷомдодаи муҳаққиқ Шодизода Н.М. оид ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ дорои аҳамияти калони назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти диссертатсионии Шодизода Наҷибулло Маҳмадризо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ: таҳқиқоти умуминазариявӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, тасдиқгардида бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, № 295), мутобиқ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
декани факултети ҳуқуқшиносии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарзода Н.Ф.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, н. Рӯдакӣ,
ҷ/д Чоряккорон, д. Меҳробод, хонаи 90
E-mail: nekruz-0101@mail.ru
Тел.: (+992) 918559828

Имзои Сафарзода Н.Ф.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои педагогӣ Насурдинзода А.Н.

**Суроғаи муассиса:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33; **Тел.:** 224-17-86, 224-83-93 (факс); **E-mail:** info@apa.tj

«28» 05 соли 2026